**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Дар диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ аз нигоҳи этнолингвистӣ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор гирифтааст.

Баррасии луғоти соҳавии забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои он аз нигоҳи этнолингвистӣ дар айни замон яке аз ҳалталаби илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Дар таркиби луғавии лаҳҷаву шеваҳо калимаҳое ба мушоҳида мерасанд, ки аз давраҳои аввали рушди забони тоҷикӣ маншаъ мегиранд. аз қабати муҳим ва асосии таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои забони тоҷикиро ташкил медиҳанд.

Гарчанде ба ин мавзуъ донишмандони хориҷиву ватанӣ даст зада бошанд ҳам, аммо пажуҳиши ҷанбаҳои этнолингвистии он то андозае аз madди назари муҳаққиқон дур мондааст, аз ин лиҳоз пажуҳиши мавзуи мазкур дар айни замон сари вақтӣ ва мубрам мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи талаботи навишти корҳои илмӣ таҳия гардида, дар он аҳаммияту навоварии таҳқиқ асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳоро муаллиф пешниҳод намудааст.

Дар боби якум «Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистика» унвонҷӯй масъалаҳои ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносии муосир, робитаи забон бо фарҳанг, омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ, назари муҳаққиқон оид ба лаҳҷаҳо, назари муҳаққиқон оид ба вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор, региолект ва лаҳҷаҳои минтақавӣ, хусусиятҳои фарқкунандаи региолектизмҳо аз диалектизмҳо, региолект ва муносибати он ба лаҳҷаву гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор, вижагиҳои этнолингвистии вожагони фолклории мардумони водии Ҳисорро матраҳ намудааст.

Дар боби дуюм «Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» вожагони ифодакунандаи соҳаи чармгарӣ, кулолӣ, оҳангарӣ, сохтмон, дӯзандагӣ, бофандагӣ, зебу зинат ва ороишоти занон ва соҳаи пазандагӣ ва қаннодӣ, гурӯҳбандӣ карда шудаанд, инчунин, пайдоиши номвожаҳои ҷуғрофии ба соҳаи ҳунармандӣ алоқаманд муайян карда шудаанд.

Дар боби сеюм, ки «Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» номгузорӣ шудааст, муҳаққиқ на танҳо вожагони ифодакунандаи соҳаи зироаткорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ, моҳидорӣ, занбӯрпарварӣ, соҳаи тиб, вожагони ифодакунандаи номи бозиҳо ва вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои хешутабориро тақсимбандӣ намудааст, инчунин, хусусиятҳои этнолингвистии иддае аз ин гурӯҳи калимаҳоро нишон дода тавонистааст.

Боби чорум, ки «Хусусиятҳои забонии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» унвон дорад, мавқеи вожаву истилоҳоти аслан тоҷикӣ, вожаҳои иқтибосӣ, иқтибосии арабӣ, иқтибосии туркӣ-узбекӣ, иқтибосии русӣ-аврупоӣ дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор нишон дода шудаанд. Инчунин, унвонҷӯй тавонистааст дар ин боб вожагони таърихӣ ва вожагони кӯҳнашудае, ки мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маиширо ифода менамоянд ҷудо намуда, хусусиятҳои хоси онҳоро нишон диҳад.

Хулосаи рисола аз руйи талаботи навишти корҳои илмӣ навишта шуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 28 банд ҷамъбаст карда шудаанд. Муҳтавои диссертатсия дар 33 - мақола, аз ҷумла, 25 - мақолае, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва ба нашр расонидааст, инъикос ёфтааст.

Дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки таъкиди онҳоро бамаврид мешуморем:

1. Дар фишурдаи рисола дар баъзе мавридҳо ҳангоми тарҷумаи калимаҳо аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ камбудиҳо ба назар мерасанд. Масалан, гарчанде дар номи рисола "лексикаи соҳаи маишӣ" "лексика бытовой сферы" тарҷума шуда бошад ҳам, аммо дар саҳифаи 37-уми фишурдаи рисола дар баррасии вожаҳои аслии тоҷикӣ муҳаққиқ "соҳаи маишӣ"-ро "сфера домашнего хозяйства" тарҷума наудааст, ки ин чандон дуруст нест.

2. Дар саҳифаҳои 4, 8, 37–и фишурдаи диссертатсия ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд.

Ғалатҳои мавҷудбуда сифати корро коста нагардонида, ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таҳқиқи илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва барои дифоъ тавсия дода мешавад.

**Муқарриз:**

Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои фиологӣ
Мухторов Зайнидин Мухторович

**Суроғаи муқарриз**: 734003, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Саид Носир, 33. mukhtorov67@gmall.com
992907801822

**«16» апрели соли 2024**